***УДК 94 (100)***
***ББК 63.3 (5) 5***

# *АГЕНТИИ СИЁСИИ РОССИЯ ВА ИСЛОҲОТИ БУХОРО*

***Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ,*** *доктори илмҳои таърих, профессор, генерал-майор, (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *РОССИЙСКОЕ ПОЛИТИЧЕСКОЕ АГЕНТСТВО И РЕФОРМЫ В БУХАРЕ*

***Розикзода Абдулхаким Шерали,*** *д-р ист.наук, профессор, генерал-майор (Таджикистан, Душанбе)*

# *RUSSIAN POLITICAL AGENCY AND REFORMS IN BUKHARA*

***Rozikzoda Abdulhakim Sherali,***
*Dr. of History, Professor, general-major*
*(Tajikistan, Dushanbe)* ***E-MAIL:*** *marufi@vak.tj*

***Калидвожаҳо:*** *Аморати Бухоро, ҳукумати амирӣ, Агентии сиёсии Россия дар Бухоро, агенти Русия А.Я.Миллер, генерал-губернатори Туркистон, амир, муллоҳои мутаассиб, ҷадидон, ислоҳот*

*Сухан дар бораи таъсир ва дахолати Агентии сиёсии Россия ба ҳаёти сиёсии Аморати Бухоро, бахусус нақшу мавқеи ин ниҳод нисбат ба ислоҳот дар аморат рафта, бо мисолҳои мушаххас мавқеи духура, зиддидемократӣ ва душманонаро ишгол кардани он собит карда шудааст. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX Аморати Бухоро яке аз давлатҳои ғайримустақил, қафомондаю истибдодии Осиёи Миёна маҳсуб меёфт. Баъди вассали Россияи подшоҳӣ гаштани он дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аморат дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд. Вале тарзи қафомондаю мустабидаи идоракунии сулолаи Манғития ва муқобилияти сарсахтонаи қувваҳои иртиҷоӣ, хусусан муллоҳои ҷоҳилу мутаассиб монеаи асоси рушду тараққиёти минбаъдаи кишвар гардида буд. Нерӯҳои солимфикр, маорифпарварон, ҷадидон-тараққихоҳон зарурати гузаронидани ислоҳотро эҳсос намуда, ба муқобили режими мавҷуда ба майдон даромаданд. Россияи подшоҳӣ зимоми ислоҳотро ба дасти худ гирифта, ҷараёни онро мулоиму муътадил гардониданӣ шуд. Ҳамчунин мавқеи номуайян, муносибати духӯра ва баъзан душманонаи Агентии сиёсии Россия дар таҳияи лоиҳаи ислоҳот (ки ниҳоят танҳо дар коғаз монда, амалӣ нагашт), истиқболи гарми ҷадидон аз он ислоҳот ва натиҷаи фоҷеабори он қайд мегардад. Веле амиру ҳукуматаш бо такя ба қувваҳои иртиҷоию муҳофизакор ба муқобили ислоҳотхоҳон баромаданд ва дар заминаи зиддияти байни ин қувваҳои оштинопазир фоҷиаҳои зиёде рух доданд.*

***Ключевые слова****: Бухарский эмират, эмирское правительство, политическое агентство России в Бухаре, российский агент А.Я. Миллер, генерал-губернатор Туркестана, реакционные священнослужители, джадиды, реформа*

*Речь идёт о влиянии политического агентства России на политическую жизнь Бухарского эмирата и о его вмешательстве в неё, и особенно о двусмысленной, враждебной, антидемократической роли данного института в реформах в эмирате. Отмечено, что конце XIX-начале XX вв. Бухарский эмират был отсталым, зависимым и тираническим государством Средней Азии. После того, как эмират стал вассалом Царской России, в социально-экономической и культурной жизни страны произошли некоторые преобразования. Однако отсталое средневековое государственное управление династии Мангитов и жесткое сопротивление реакционных сил, особенно*

*священнослужителей, препятствовали развитию страны. Здравомыслящие силы: просветители, джадиды-реформаторы, осознавая необходимость реформ, выступали против правящего в эмирате режима. Царская Россия, взяв инициативу по проведению реформ в свои руки, всячески старалась смягчить этот процесс. Также отмечается непонятная, двусмысленная позиция политического агентства России, в частности агента А.Я. Миллера, в разработке проекта реформы (которая осталась на бумаге), его горячая поддержка джадидов и трагические последствии этого акта. Эмир и его правительство при поддержке реакционных и консервативных сил выступили против реформаторов, и в Бухаре было пролито много крови.*

**Key-words:** *Bukhara Emirate, Emir' government, political agency of Russia in Bukhara, Russian agent A. Ya. Miller general-governor of Turkestan, reactionary priests, djadids, reforms*

*The article deals with the influence and interference of the Russian Political Agency into the political life of the Bukhara Emirate, especially on the ambiguous hostile, anti-democratic role of this institution in the reforms in the emirate. At the end of the XIX-th and the beginning of the XX-th centuries, the Emirate of Bukhara was a backward, dependent and tyrannical state of Central Asia. After the emirate became a vassal of tsarist Russia some transformations took place in the socio-economic and cultural life of the country. However, the backward medieval state administration of the Mangit dynasty and fierce resistance of reactionary forces, especially priests, hindered a development of the country. Sane forces, educators, jadids reformers, realizing the need for reforms, opposed the ruling regime in the emirate. Tsarist Russia having taken the initiative of reforms into its own hands, tried in every possible way to soften this process. The author of the article also underscores the incomprehensible and ambiguous position of the Russian Political Agency in the development of the reform project (which remained on paper), the ardent support of the jadids and the tragic consequences of this act. The Emir and his government, with the support of reactionary and conservative forces, opposed the reformers and a lot of blood was shed in Bukhara.*

Агентии сиёсии Россия дар Бухоро, як ниҳоди сохтории Вазорати корҳои хориҷии Россияи подшоҳӣ буд, ки аз соли 1886 то 16 апрели соли 1917 фаъолият кардааст. То соли 1910 Агентии сиёсӣ ба Вазорати корҳои хориҷӣ итоат мекард ва роҳбари он низ аз тарафи ҳамин вазорат таъйин карда мешуд. Вале аз соли 1910 ниҳоди мазкур ба генерал-губернатори Туркистон ва ҳамчунин ба Вазорати ҳарбии Россия низ тобеъ гардид. Ин ниҳод дар тақвият ва густариши муносибатҳои байни Россияи подшоҳию Аморати Бухоро, бахусус, дар ҳаёти сиёсию рӯйдодҳои фоҷеабори аморат дар соли 1917 нақши калидӣ доштааст.

Дар бисёр ҳодисаҳои нохуше, ки солҳои 1916-1917 дар аморат ба вуқуъ пайвастанд, Агентии сиёсии Россия дар Бухоро дахолат дошт. Ҳанӯз соли 1890 роҳбари Агентии сиёсии Россия П.М.Лессар мавқеъ ва нақши сиёсии Россияро нисбат ба Аморати Бухоро шарҳ дода, навишта буд: “Моҳияти асосии сиёсати пешгирифтаи мо, тамоман, дахолат накардан ба корҳои дохилии хонигарӣ мебошад. Мо танҳо барои таъмини бозорҳои Бухоро ғамхорӣ намуда, дар сурати табоҳ гаштани вазъи Осиёи Миёна ба ҳалли масъалаҳои стратегию сиёсӣ машғул мешавем. Амиру амалдоронаш бошад, ба мардум ҳар коре, ки хоҳанд кардан гиранд” [5, 21]. Азбаски П.М.Лессар мансабдори расмӣ буд ва ниҳоде, ки ӯ роҳбарӣ мекард, маҳз ба татбиқи сиёсати мустамликавии Россияи подшоҳӣ дар Аморати Бухоро вазифадор буд, таври дигар гуфта ҳам наметавонист. Ба корҳои дохилии хонигарӣ “дахолат намекунем” гуфтанаш як нав пинҳон нигоҳ доштани асли воқеа аз назари мардум буд. Вале ҳатто аз ҳамин гуфтаҳо низ моҳияти сиёсати мустамликавии Россияи подшоҳӣ

нисбат ба Аморати Бухоро пурра ошкор мегардад. Зиёда аз ин, аз соли 1882 ба таври расмӣ масъалаи ба Россия ҳамроҳ кардани Аморати Бухоро аз ҷониби генерал-губернатори Туркистон на як бору ду бор бардошта шуда буд. Бо вуҷуди он, ҳанӯз аз ибтидои асри XX Россияи подшоҳӣ ба воситаи Агентии сиёсӣ натанҳо ба корҳои дохилии аморат дахолат мекард, балки нисбат ба он як навъ мавқеи иртиҷоиро ишғол намуда, бар зидди тараққихоҳон ва равшанфикрони аморат ба муборизаи ошкоро гузашт.

Бояд зикр кард, ки фаъолияти Агентии сиёсӣ аз давраи ҷанги ҷаҳонӣ ба баъд дар самти назорат аз болои амалдорону ҷавонбухороиён хеле пурзӯр гардид. Россияи подшоҳӣ аз он дар ҳарос буд, ки ҷадидон-ҷавонбухороиён бо кишвари Туркия, ки аз ҷониби Германия бо Россия дар ҳоли ҷанг буд, робитаҳои наздик доранд. Дар ин давра, инчунин назорат аз болои аҳолии Бухоро аз ҷониби Генерал-губернатории Туркистон ҳам пурзӯр карда шуд.

Иштироки Россия дар ҷанги якуми ҷаҳон иқтисодиёти мамлакатро хароб кард. Ҳукумати подшоҳӣ аз Осиёи Миёна ба манфиати ҷанг қувваҳои нави кориро ҷалб намуда, ба мардикоргирӣ оғоз кард. Ин амал бошад, норизогии мардумро ба миён оварда, соли 1916 дар шаҳрҳои калонтарини Туркистон, аз ҷумла дар Хуҷанд, шӯришу исёнҳо сар заданд. Агентии сиёсӣ ва ҳукумати амир тамоми чораҳоро меандешиданд, ки чунин хабарҳо дар аморат паҳн нашаванд, вале ба ин нигоҳ накарда, дар аморат ҳам ҷунбишу ҳаракатҳо ба вуқуъ омаданд. Аз ҷумла, соли 1916 дар Қаротегин, ки аксари мардони ин минтақа ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳрҳои калонтарини Туркистон мерафтанд, шӯриши Қаландаршо сар зад, ки чандин деҳаҳоро фаро гирифт.

Бо мақсади пешгирии норизогии мардум ва паҳншавии ҷунбишу ҳаракатҳо бахусус генерал-губернатори Туркистон ва Агентии сиёсӣ дар Бухоро фаъолияти назоратиашонро пурзӯр намуданд. Дар ин бора устод Айнӣ чунин менависад: “Дар ин тобистон (тобистони соли 1916 дар назар аст-Р.А.) дар Бухоро таъқибот аз солҳои пеш бештар ва шиддатноктар шуд. Хусусан, баъд аз шӯриши деҳқонон ва меҳнаткашони Туркистон (шӯриши соли 1916 дар назар аст-Р.А.) ….гирифтугири амир ва охранаи подшоҳӣ боз ҳам зиёдтар гардид. Амир дар ҳар район ва қишлоқҳои калон агентҳои махсус монда, мардумро аз гуфтугузор кардан дар бораи шӯриши Туркистон манъи қатъӣ намуд” [3, 68].

Александр Яковлевич Миллер 20 октябри соли 1916 барои дилпур сохтани генерал-губернатори Туркистон А.Н.Куропаткин, тахти №128 аз 28 марти соли 1917 барқия фиристода, чунин хабар додааст: “Ҳукумати Бухоро бо мақсади нигоҳ доштани тартибот ва оромӣ дар қаламрави аморат тамоми чораҳоро андешидааст” [9, д.442, л.33].

Агентии сиёсии Россия дар Бухоро аз вазъи мураккабу нобасомони сиёсии аморат ҳамеша дар ҳарос буд. Аз ин ҷост, ки А.Я.Миллер баъди як рӯзи воқеаҳои февралии соли 1917 ва аз тахт вожгун гаштани Николайи II Агенти сиёсӣ ба аҳолии Бухоро муроҷиат карда, даъват менамояд, ки тартибот ва оромиро риоя намоянд, вале баракси амру хоҳиши ӯ дар маҳаллаҳои руснишини аморат намоишҳои сиёсӣ барпо гардиданд.

Дар ин замина рӯшанфикрон, ҷадидон-тараққихоҳон, тоҷирон масъалаи ислоҳотро аз ҳарвақта дида ҷиддитару қотеонатар ба миён гузоштанд. Агенти сиёсӣ Миллер дар барқияи худ таҳти №3939 аз 17 марти соли 1917 ба вазири корҳои хориҷӣ хабар додааст, ки масъалаи ислоҳоти Бухоро пухта расидааст ва он ба назардошти манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии Россия таҳти назорати Агентӣ хоҳад гузашт [4, телегр. №3939].

Аз барқияи дигари А.Я.Миллер, ки таҳти №141 аз 26 марти соли 1917 ба номи вазири корҳои хориҷӣ ирсол шудааст, чунин бармеояд, ки ӯ аксари рушанфикрону тоҷирон (аз ҷумла Абдурауф Фитрат, хазинадори ширкати «Баракат» Мӯсо Юлдош) ва дигар

ҳамтаслакони онҳоро ба тарафи худ ҷалб кардааст ва ба гузаронидани ислоҳот мувофиқи салоҳдидаш розӣ мебошанд. Фақат онҳо талаб доранд, ки ислоҳот пурра ва танҳо мувофиқи талаботи аҳкоми шариат гузарад [4, телегр. №142].

Бояд зикр намуд, ки минбаъд амир, амалдорони ҳукуматаш ва муллоҳои ҷаҳолатпараст, ки дар мамлакат чизеро иваз кардан намехостанд, ба ислоҳот муқобил баромада, аёну ноаён монеаҳои нав ба нав эҷод намуда, ниҳоят онро бо хоку хун оғушта намуданд. Дар ин раванд Агентии сиёсӣ низ бо амир ва амалдоронаш шарик шуда, ба муқобили ҷадидон-тараққихоҳон ҳиллаву найрангҳо андешида, ба қувваҳои иртиҷоӣ пайвастанд.

Агентии сиёсии Россия дар Бухоро дар давраи фаъолияти Ҳукумати муваққатӣ дар Россия низ ба ҳадафҳо ва маслаки пешинаи худ комилан содиқ монда, аз пештара дида бештар ба мавқеъи зиддидемократӣ гузашта буд. Воқеан, баъд аз чунин мавқеъгирӣ обрӯи Агентии сиёсии Россия дар назари мардуми Бухоро, бахусус, дар байни коргарону маҳаллаҳои руснишин ҳамчун ниҳоди аз давраи мутлақияти подшоҳӣ боқимонда ва бо ҳукумати мустабидаи амирӣ дар ҳамкорибуда, хеле коста гардид. Аз ин ҷост, ки дар барқияи махфию оҷилии А.Я.Миллер аз 13 марти соли 1917 ба номи вазири корҳои хориҷии Ҳукумати муваққатӣ, мазмунан, чунин таъкид ва дархост шуда буд: бо назардошти он, ки дар байни аксари аҳолии руси муқими Бухоро мафҳуми «агенти сиёсӣ» нодуруст «ҷосуси сиёсӣ» ташреҳ шуда ва дар ин замина нобоварӣ нисбат ба мо афзудааст, номи «агенти сиёсӣ» ба «Резидентсияи Россия дар Бухоро» иваз карда шавад [10, д.528, л.1]. Дар асл бошад, иллати асосии зиёд гаштани нобоварии мардум на дар ташреҳи мафҳуми «агенти сиёсӣ», балки аз мавқеи зиддидемократиро ишғол намудану бо амиру ҳукуматаш шарик будани худи Александр Яковлевич Миллер ва кормандонаш буд. Ҳукумати муваққатӣ ҳам аз афзӯдани ҳисси нобоварӣ ва норизогии аҳолии рус ва мардуми Бухоро дар ҳарос афтода буд. Бинобар ин, оҷилан дар байни 4-5 рӯз ин масъала 17 марти соли 1917 дар Ҳукумати муваққатӣ баррасӣ гардида, қарор карда шуд, ки минбаъд Агентии сиёсии Россия дар Бухоро Резидентсияи Россия дар Бухоро номида шавад [10, д.528, л.1].

Масъулин ва кормандони агентии сиёсӣ ин тағйиротро дар байни аҳолӣ ба манфиати худ ташреҳ дода иброз мекарданд, ки "акнун мақом ва мартабаи моро боло бардоштанд". Як ишораи устод Айнӣ дар ҳамин иртибот гуфтаҳои болоро собит месозад: "Яке аз коркунони масъули агентӣ- мегӯяд, устод Айнӣ, - ба як ошнои худ гуфта буд, ки "мартабаи мо пештар паст буд, мо агентӣ сиёсӣ будем, акнун мартабаи мо баланд шуд – мо резидент шудем" [3, 70-71].

Мутаассифона, чунин номивазкунӣ ба моҳият, сиёсат ва мавқеъгирии ин ниҳод дар муносибат ба Бухоро таъсире нарасонид ва ҳатто ҳайъати кормандони он низ бетағйир монд.

Боиси тазаккур аст, ки мавқеи иртиҷоӣ, душманона ва зиддидемократиро ишғол кардани Агентии сиёсии Россия дар Бухоро нисбат ба ислоҳот ва мубориза аёну ноаёни он бар зидди ҷадидон-ҷавонбухороиён ба ҳамагон маълум гардида буд. Ҷадидон-ҷавонбухороиён ва равшанфикрон пай бурда буданд, ки ташаббускор, илҳомбахш ва роҳбари бисёр иқдомҳои амир ва ҳукуматаш дар муқобили ҷавонбухороиён-ҷадидон бевосита худи А.Я.Миллер мебошад.

Ҳукумати муваққатии Россия, ҳамчун давомдиҳандаи сиёсати мустамликавии мутлақияти подшоҳӣ намехост кудрат ва таъсирашро дар Осиёи Миёна аз даст диҳад ва Россия аз мулкҳои вассалиаш маҳрум гардад. Аз ин ҷост, ки ба ҳама гуна ҳаракатҳои сиёсӣ, ислоҳотхоҳӣ ва фарҳангии равшанфикрони Аморати Бухоро сахт муқобилият мекард. Дар сафи пеши ин мубориза, албатта Агентии сиёсии Россия дар Бухоро меистод ва табиист, ки А.Я.Миллер барои ҳифзи манфиатҳои Россия сина сипар карда буд.

А.Я.Миллер аз рӯйи вазифаи мансабии худ аз камтарин таҳаввулот, ҳаракат ва, ҳатто, аз суханоне, ки дар Бухоро бар зидди Россия садо медод, дарҳол ба роҳбаронаш хабар медод. Моҳи март ва апрели соли 1917, яъне то ба Россия даъват шуданаш ба Вазорати корҳои хориҷии Россия ҳар рӯз телеграмма ва баъзан дар як рӯз 2-3 телеграмма мефиристод, ки аксарияти ин телеграммаҳо дар бойгонӣ мавҷуд ва барои муҳаққиқон дастрас мебошад. Чунончи, дар бораи хушҳолии коргарони рус баъди сарнагун шудани Николаи II ва талаби онҳо дар бораи бекор кардани тартиботи пештара, дар бораи халъи силоҳ кунонидани жандармерияи Когон ва аз ҳабсхона озод кардани маҳбусони сиёсӣ А.Я. Миллер ба Вазорати корҳои хориҷӣ хабар додааст. Аз ҷумла, дар телеграммааш аз 14 марти соли 1917 иброз намудааст, ки дар Бухоро мусулмонони рус намоиш ташкил карданд [9, д.513, л.8,12].

Бояд таъкид кард, ки дар заминаи таҳаввулоти инқилобӣ ва барҳам хӯрдани мутлақияти подшоҳии рус тараққихоҳон-ҷавонбухороиён дар Бухоро илҳом ва нерӯи тоза гирифта, доир ба гузаронидани ислоҳот дар кишвар тасмимҳои нав гирифта, моҳи марти соли 1917 фаъолияташонро пурзӯр намуда, ҳизбашонро ба таври расмӣ аз қайд гузаронида, барои ба ислоҳот маҷбур сохтани амиру ҳукуматаш тадбиру чораҳои амалӣ андешиданд. Бо ин мақсад бо сардории Абдулвоҳид Бурҳонов Комитети марказии ҳизбро таъсис доданд, ки ба ҳайати он А.Фитрат (ҳамчун котиб), Усмон Хоҷаев (хазинадор) ва аъзоён Муҳиддин Рафъат, Мусо Саидҷонов, Ато Хоҷаев, Файзулло Хоҷаев, Аҳмадҷон Абдулсаидов дохил шуданд [8, 101].

Ҷавонбухороиён хуб дарк карда буданд, ки бе ёрии Россия онҳо наметавонанд амирро ба гузаронидани ислоҳот розӣ кунонанд. Бинобар ин, 14 марти соли 1917 ҷавонбухороиён ба номи раиси Думаи давлатӣ, вазири корҳои хориҷӣ, вазири ҳарбӣ ва вазири адлияи Россия бо мактуб муроҷиат карда, вазъияти табоҳи аморат ва зарурати гузаронидани ислоҳотро иброз намуданд, ки ба матни он А.Фитрат имзо гузошта буд.

Ба қавли устод С.Айнӣ амир Олимхон ва Насрулло қушбегӣ низ эҳсос мекарданд, ки “бе ислоҳот ҳукумати ҳозираро нигоҳ доштан мумкин нест” [1, 141] ва ба ислоҳот то дараҷае розӣ шуданд. Дар ин хусус резиденти Россия дар Бухоро А.Я.Миллер, ки дар масъалаи ислоҳот маслиҳатчии асосии амир буд, ба ҳукумати Россия хабар дод, ки “... Амир омодааст, ки дар ин хусус (яъне дар гузаронидани ислоҳот-А.Р.) бо нишондоди мо амал намояд” [9, д. 513, л.30-31]. Маҳз ба ҳамин нукта таъкид намуда, устод Айнӣ чунин навиштааст: “Маъмурони элчихона-Миллер, Шулга ва Введенский, ки чи навъ ҷонварони сияҳдил будани худро на фақат дар Бухоро, балки дар тамоми олам шиносонида буданд, якбора ҳурриятхоҳ ва тараққипарвар шуда, ҷаста ба майдон даромаданд” [1,140]. Дар ҷойи дигар устод Айнӣ андешаҳои худро дар бораи шахсияти Шулга, ки муовини А.Я.Миллер буд, чунин баён намудааст: “Ин шахс дар нифоқу риё бемисл, марди ниҳоят дилсиёҳе буд” [1, 118].

А.Я.Миллер ва дигар кормандони Агентии сиёсии Россия дар Бухоро аз ҷониби роҳбарони хеш дар бораи таҳия ва гузаронидани чунин як ислоҳоте, ки ба асосҳои ҳукумати амирӣ дахл намекарда бошад, дастур доштанд ва ба омода кардани як лоиҳаи нарму муътадил омодагӣ мегирифтанд. Дар ин робита 19 марти соли 1917 аз номи вазири корҳои хориҷии Ҳукумати муваққатӣ ба Миллер телеграммае расид, ки дар он чунин таъкид мегардид: тамоми масъулияти омодагӣ ва гузаронидани ислоҳот ба уҳдаи ҳукумати амирӣ бовар карда гузошта шавад. Назар ба маълумоти устод Айнӣ қушбегӣ барои он, ки салоҳияти ислоҳот кардан ё накардан пурра ба ихтиёри Бухоро дода шавад 3 миллион сум сарф кардааст: “Қушбегӣ-менависад С.Айнӣ,- ба як дӯсти муътамади ман ба ин кор (яъне ба ихтиёри ҳукумати амир монондани гузаронидани ислоҳот.-Р.А.) 3 миллион сум сарф шуданашро гуфта буд” [2, 147].

Вале ба гумони ғолиб Ҳукумати муваққатӣ аз он дар ҳарос буд, ки амалдорон ва муллоҳои ҷаҳолатпараст аҳолии аморатро бар зидди Россия барнахезонанд.

Генерал-губернатори Туркистон Куропаткин аз ҳукуматдорон гузаронидани ислоҳотро тақозо карда буд. Вале баръакс устод Айнӣ менависад, ки "Ин зот (Куропаткин дар назар аст-Р.А.) ёрӣ додан ба ислоҳоти Бухоро дар як су истад, ба элчихона телеграммае фиристода, бар зидди ислоҳот таълимот дод" [1, 147]. Вале дар ин хусус мо ягон ҳуҷҷати тасдиқкунанда пайдо накардем, ки аз муқобили ислоҳот будани генерал-губернатори Туркистон дарак медода бошад. Аз эҳтимол дур нест, ки устод Айнӣ мавқеи эҳтиёткоронаи генерал-губернатори Туркистонро дар робита ба ислоҳот зери шубҳаю интиқод қарор дода бошад. Дарвоқеъ, генерал-губернатор, ки аз вазъияти ҳассос ва мураккаби минтақа хеле хуб воқиф буд, намехост, ки вобаста ба гузаронидани ислоҳот муқовимати мусулмононро бар зидди Россия пурзур намояд. Дар ин иртибот Афғонистон ҳам метавонист, аз нигоҳи шариати ислом тарафи аморатро бигирад. Аз ин ҷост, ки генерал-губернатор, Агентии сиёсӣ (баъдтар резиденти Россия) дар Бухороро ҳамеша ба эҳтиёткорӣ даъват менамуд. Дар асл маводи бойгонии дар дастбуда, яъне барқияҳои аз ҷониби Куропаткин ба Агентии сиёсии Россия дар Бухоро ва ҳукумати Россия ирсолгашта, баръакс, гувоҳи онанд, ки генерал-губернатори Туркистон ҳамеша тарафдори ислоҳот дар Бухоро будааст. Чунончи, дар телеграммаи махфие, ки генерал-губернатор Куропаткин 24 марти соли 1917 ба номи Милюков фиристодааст, чунин таъкид шудааст: "Бунёди сохти нави Россияи озод ногузир бояд ба Бухоро таъсиргузор бошад ва ба дунболи худ шакли мавҷудаи мустабидаи идоракунии хонигариро тағйир диҳад..." [6, 84].

Дар барқия генерал-губернатор, ки тағйир додани сохти мустабидаи идоракунии хонигариро дар ду ҳолат – яке бо роҳи ба Россия ҳамроҳ кардани аморат, дигаре бидуни ҳамроҳкунӣ имконпазир дониста, худаш бошад, роҳи дуюмро ҷонибдор аст. Бо пешниҳоди ӯ беҳтар мебуд, агар Аморати Бухоро ҳамчун як воҳиди маъмурӣ дар итоати Россия боқӣ монад ва дар ин маврид ҳуқуқҳои назоратии резидентро аз болои ҳукуматдорони Бухоро боло бардоштан ба манфиати кор аст.

Аз масъалагузориҳои генерал-губернатор дар ин ва дигар барқияҳояш дарк кардан мумкин аст, ки ӯ аз вазъияти сиёсии дохилии аморату минтақа ва вижагиҳои муҳити Бухоро хеле хуб огоҳ будааст. Чунончи, дар барқияаш ба номи вазири корҳои хориҷӣ таҳти №360 аз 24 марти соли 1917 таъкид бар он медорад, ки "... фикр мекунам дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои ворид намудани сохти нав (яқин масъалаи ислоҳот дар назар аст-Р.А.) ба вижагиҳои маишати бисёрасраи дар аморат маъмулбуда ва шариат ниҳоят эҳтиёткорона рафтор кардан лозим меояд, то ки он норизогию ғазаби мардуми бумиро ба бор наорад. Муносибати душманонаи аҳолии бумӣ нисбат ба Россия метавонад хавфи дахолати Афғонистонро ба Бухоро бо баҳонаи ҳимояи ислом ба вуҷуд биёрад" [4, телегр. №360].

Бинобар ин, генерал-губернатори Туркистон тавсия медиҳад, ки "....ташаббуси камтарин дигаргуниҳо ҳам, бояд аз ҷониби ҳукумати амир сурат бигирад, на аз поён аз ҷониби аҳолӣ, зеро ҳар як ҳаракати инқилобӣ бар зидди амир, метавонад ангеза ва ҷанбаи зиддирусиро касб намояд" [4, телегр. №360] ва албатта чунин ҳолат дар он шабу рӯз ҳаргиз ба манфиати Россия набуд.

Ҷадидҳо-ҷавонбухороиён андешаю талаботашонро ба Миллер иброз намуда, хоҳиш намуданд, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи ислоҳот ба инобат гирифта шавад. Ин талабот асосан аз инҳо иборат буданд: бекор кардани тамоми намудҳои ғайришаръии андозҳо, ташкил намудани шӯрои намояндагии мардум ҳам дар назди амир ва ҳам назди ҳокимони

(бекигариҳо) музофотҳо, озодии мактаб ва матбуот, аз мансабҳо холӣ намудани амалдорони ҷоҳилу иртиҷоӣ ва ғайра. Вале Миллер ин талабҳоро хаёлӣ гуфта, рад намудааст.

Ҳамин тариқ, Миллер дар мувофиқа бо ҳукумати амирӣ як лоиҳаи ислоҳотро таҳия карда, онро ба Ҳукумати муваққатӣ фиристод, ки он 4 апрел баррасӣ ва тасдиқ гардид. Андаке баъд 7 апрел дар вазъияти тантанавӣ, ки қариб 200 нафар – амалдорон, муллоён, якчанд нафар ҷавонбухороиён ва А.Я. Миллер бо ҳайаташ ҳузур доштанд, фармони амир дар бораи ислоҳот хонда шуд. Фармонро қозикалони Бухоро Шарифҷон Махдум (Садри Зиё) ба овози баланд хонда дод ва дар ин асно ҳама даъватшудагон рост истоданд.

Баъзе аз ҷавонбухороиён эълони ислоҳотро як навъ ғалабаи худ ташреҳ дода, ба ин муносибат намоиши шукрона ташкил кардан хоста, "Ҳатто - мегӯяд устод Айнӣ - плани рӯзи намоиш - бо кадом роҳҳо гаштан ва чигуна ҳаракат карданашонро ҳам кашида буданд" [1, 155].

А.Я.Миллер - резиденти Россия дар Бухоро, ки ба ислоҳоти эъломгашта мутасаддӣ аз ҷониби Россия буд, барои ташкил кардани намоиш муқобил буд ва инро устод Айнӣ низ тасдиқ карда навиштааст. "...Миллер, дарвоқеъ, ба намоиш муқобил буда, лекин баъзе аз намояндагон бо сабаби шахсан тарафдор буданашон ба намоиш суханони вайро таҳриф кардаанд" [1, 158] ва дар ниҳояти кор намоиш ташкил карда шуд. Дар намоиш беш аз 5 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Бухоро иштирок намуданд. Вале аз ҷониби қувваҳое, ки ислоҳотро намехостанд, аксулҳаракат ташкил карда шуд. Амир ва Миллер тарафи аксулҳаракатро гирифта, ба қатлу ҷазо додани ҷавонбухороиён оғоз намуданд ва дар натиҷа танҳо дар як худи шаҳри Бухоро қариб 3 ҳазор нафар ба ҷазоҳои гуногун гирифтор шуданд. Бо мақсади пеши роҳи қатлу куштори амирро гирифтан 9 апрел аз Самарқанду Тошканд як дастаи низомиён бо сардории генерал Кулиҷонов ба шаҳри Когон омад. Миллер бошад, барои ба Бухоро ворид шудани ин даста розигӣ надод, аммо бо исрори сарбозони рӯҳияи инқилобидошта ӯ маҷбур шуд бо 50 сарбоз вориди Бухоро шуда, як қисми маҳбусони арки амир, аз ҷумла устод Айниро, ки 75 чӯб хӯрда буд, озод карда, ба Когон фиристонад. "Инқилобчиён - ба ёд меорад устод Айнӣ-моро ба собиқ идораи политсия дароварда, ҷароҳатҳоямонро муойина карданд, пӯстҳои дарида, гуштҳои лахта-лахтаро дида, тоқат карда натавониста гиристанд. Яке аз занҳо беҳуш шуда, ба замин афтид... Дар як хонаи дигари ин бино Миллер ва Шулга ҷо гирифта буданд... инқилобчиён моро ба назди онҳо бурда, ҷароҳатҳоямонро нишон доданд. Миллер ба бадани маҷруҳи мо хеле вақт нигоҳ карда, ба забони тоҷикӣ гуфт: "Зарар надорад, зарар надорад, иншоолоҳ беҳ мешавад" [1, 183].

Охирин найранги сиёсие, ки Миллер ва Шулга, бар зидди ҷавонбухороиёну тараққихоҳон роҳандозӣ карданд, ин мавқеъи душманонаи онҳо дар муқобили вакилони ҷавонбухороиён буд. Амир ва ҳукуматаш бо андешаи он, ки тамоми аҳолии Бухоро бо муқобилашон нахезанд, роҳи бо ҷадидон-ҷавонбухороиён мусолиҳа карданро пеш гирифтанд ва бо ин мақсад резидент Миллерро миёнрав карда, 12 нафар намояндагони ҷадидонро ба Бухоро даъват карданд. Рӯзи 14 апрел бо роҳбаладии Миллер ва Шулга, Мирзо Муҳиддин, Файзулло Хоҷаев, Мирзо Исом, Мирзо Абдуқодир, Муҳиддин Махдум ва дигарон ҷамъ 12 нафар ба Бухоро равон шуданд. Дар вокзали роҳи оҳан ин вакилонро Мирзои Урганҷӣ (ашаддитарин душмани ислоҳот) қабул карда, онҳоро ба Арк дар ҳавлии қушбегӣ ҷо карданд ва баъди чанде ҳамаи вакилонро ба меҳмонхонаи Раҳимхонии Арк оварданд, ки он ҷо раис, тамоми муфтиҳо, ҳамаи саркардаҳо, вакилони аксулҳаракат ва аҳли дарбор низ ҳозир буданду амир ҳам ташриф оварда, дар пешгоҳи маҷлис нишаст.

Дар ҷараёни матраҳ гаштани масъалаи ислоҳот, ба қавли устод Айнӣ "намояндагони аксулҳаракат бе ҳеҷ муқаддима "Мо ислоҳот намехоҳем, мо шариатро мехоҳем: Ислоҳот

ва ҳаракат ба мо даркор не...” гӯён ғавғо меандохтанд. Орифхон ном, ки дар он рӯзҳо муфтии аскар буд, бо тамоми овоз дод зада мегуфт: Мо ҳафтсад сол боз мусулмон ҳастем, аз мусулмонӣ барнамегардем” [1, 189]. Дигар иштирокчиён аз ҷониби аксулҳаракат низ бар зидди ислоҳот овоз баланд карда, Миллерро низ ба миён кашида, аз ӯ эҳтиромона узр пурсида, таъкид мекарданд, ки мо ислоҳотро қабул надорем.

Устод С.Айнӣ, ки шоҳиди он рӯзҳост менависад, ки чунин ҳолро дида, яке аз вакилони ҷавонбухороиён ба амир муроҷиат карда мепурсад:

“... -Тақсир, ба инҳо (яъне аксулҳаракатчиён-Р.А.) фаҳмонед, фармони ислоҳотро мо баровардем ё ки шумо? Кӣ ба фармони шумо муқобил баромад, инҳо ё ки мо? Амир ба ҳозирин рӯй оварда, ба ҷавонон ишора карда: - Инҳо ҳам ба шариат мувофиқ шавад мегӯянд, инҳо ҳам табааи содиқи ман мебошанд, - гуфт ва бо ҳамин аз ҷояш хеста, ба хонаи хусусиаш даромад” [1, 189].

Рафти ҷаласа, эътирози аксулҳаракат, муносибати А.Я. Миллер ба он ва суханони амир исбот карданд, ки ин ислоҳотро на танҳо муллоҳои иртиҷоӣ, амалдорони ҳукумат, балки худи амир ҳам намехоҳад. “... Ин маҷлис саҳнаи мазҳакавиеро ба пеши назар меоварад” [1, 189] ва яқин исбот кард, ки ҳамаи ин сенарияи пешакӣ тарҳрезишуда, ҳам бо амир ва ҳам бо А.Я. Миллер мувофиқа шуда буд. Ҷараён ва тафсилоти ин ҷаласаро аз забони худи Миллер, ки дар барқияаш таҳти №4742 аз 15 апрели соли 1917 ба номи вазири корҳои хориҷӣ хеле ботафсил хабар додааст: Тибқи маълумоти Миллер дар рафти ҷаласа бо амир, 12 вакили ҷавонбухороиён-тараққихоҳон ва кормандони Ибодуллохоҷа аз ҷо бархоста, сухани амирро бурида, бо эҳсосот дар бораи ислому шариат гап зад. Яке аз амалдорон ба тарафи ҷадидон таҳдидкунон изҳор дошт, ки «барои Бухоро ягон манифест ва ислоҳот лозим нест».

Аз муҳтавои барқия маълум мегардад, ки баъди баста шудани дарвозаҳои Арк дар соати 7 анбуҳи одамони ҷамъшуда ҳануз ҳам пароканда нашуда буданд ва ба супорише, ки пароканда шавед дағалонаю бо қаҳр ҳамагӣ ҷавоб доданд, ки «Пароканда намешавем, дар роҳи шариат мемурем, аз динбаргаштаҳо-ҷадидон-ҷавонбухороиёнро ба қатл мерасонем» - гӯён дод мезаданд. Танҳо бо кумаки казакҳо анбуҳи одамон пароканда карда шуданд [4, барқияи № 4742].

Баъди маҷлис ба ғайр аз вакилони ҷавонбухороиён дигарон, аз ҷумла А.Я. Миллер ва Шулга низ, ба ҳавлии қушбегӣ гузаронида шуданд. Дар атрофи меҳмонхона аксулҳаракатчиён, ки зиёд ҷамъ шуда буданд, талаб карданд, ки “Ин дувоздаҳ нафарро ба дасти мо супоред мо онҳоро пора-пора мекунем” [1, 189]. Вакилон аз меҳмонхона берун нашуда, талаб карданд, ки Миллер ва Шулга кафили бехатарии моанд ва моро онҳо овардаанд, бе онҳо мо ба ҳеҷ куҷо намеравем гуфтанд. Агар моро мекушанд, бигзор дар ҳамин ҷо, дар хонаи амир бикушанд. Баъди ин Миллер ва Шулга ҳозир шуда, вакилонро ба ҳавлии қушбегӣ бурданд.

Дар ин миён Насрулло-қушбегӣ як варақеро бо мазмуни зайл “Мо ислоҳотро намехоҳем, аз ҳаракатҳои кардаамон тавба кардем” [1,190] навишта, аз вакилон хоҳиш намуд, ки зери он имзо гузоранд, вале вакилон розӣ нашуданд. Пас аз он Миллер ҳам талаб кард, ки вакилон имзо гузоранд. Вакилон шарт гузоштанд, ки қайд мекунем, ки “Бо талаб ва исрори сардори элчихона Миллер имзо кардем”, вале Миллер ба ин шарт розӣ нашуд ва он хат ҳам имзо нашуд.

Устод С. Айнӣ аз муносибати душманонаи Миллер ба ислоҳот ва мавқеи хиёнаткоронааш нисбат ба ҷавонбухороиён огоҳ буда, дар ин хусус маълумоти муътамад

низ дар даст дошт. Иловатан, мавқеъ ва муносибати Миллер ва Шулга бо вакилони ҷавонбухороиён, ки онҳоро як навъ дар ҳабс нигоҳ медоштанд, бараъло нишон дод, ки онҳо ба ислоҳот роҳ намедиҳанд ва ҷавонбухороиёнро низ то тавонанд нест мекунанд.

Ба Бухоро барои машварат даъват кардани вакилони ҷавонбухороиёну инқилобчиён ва онҳоро дар ҳабс нигоҳ доштан нафрати инқилобчиёни дар Коғон бударо ба вуҷуд овард. Онҳо ба тамоми аркони ҳукумат бахусус Насрулло-қушбегӣ нафрат мехонданд. Ҷавонбухороиёни Коғон, ки интизори баргаштани вакилон буданд, баъди оне, ки онҳо барнагаштанд, "тамоми инқилобчиёни рус ва мусулмони Коғон мусаллаҳ шуда, роҳи Бухороро пеш гирифтанд" [1, 190].

Инқилобчиён ба воситаи сардори аскарони таҳти дарвозаи Бухоробуда ба Миллер расониданд, ки ҳатман вакилон озод карда шаванд, дар акси ҳол худи ӯ парронда хоҳад шуд. Баъди ин таҳдидҳо, Миллер маҷбур гашт, ки бо ултиматуми қатъӣ аз Насрулло-қушбегӣ талаб намояд, то ки дар давоми 15 дақиқа балвогарон аз Регистон ронда шуда, вакилон озод карда шаванд. Дарҳол вакилон озод карда шуда, ба Коғон фиристода шуданд.

Миллер ва ҳукумати Бухоро дигар чорае надоштанд, бинобар ин айбро пурра ба гардани Насрулло-қушбегӣ партофта, ӯро аз мансаб сабукдӯш карданд. Вале аллакай кор аз кор гузашта буд ва 15 апрел дар Коғон маҷлиси якҷояи ҷавонбухороиёну инқилобчиён барпо гардид ва дар он воқеаҳои рӯзҳои охир матраҳ гардида, бинобар маълумоти устод Айнӣ "...ҳаракатҳои собиқа ва ҳозираи Миллер ва Шулга муҳокима гардид. Дар бозиҳое, ки Ҳукумати Бухоро бар зидди ислоҳот ва ҷавонон барпо карда буд, иштироки инҳо (яъне Миллер ва Шулга-Р.А.) низ собит гардид... мактубҳое, ки Шулга ба қозикалон Бурҳониддин навишта, ӯро ба ҳаракат ба муқобили ҷавонон тарғиб карда буд, хонда шуданд. Дар натиҷа, ба ҳабс кардани Миллер ва Шулга қарор дода шуд. Шулга ин хабарро шунида, аз Коғон гурехт, аммо Миллер дастгир ва ба Россия фиристода шуд" [1, 192] ва бо ҳамин масъалаи ислоҳот ҳам хомӯш гардид.

Ин ҷо ба як масъалаи ниҳоят нозук ва хеле муҳим таваҷҷуҳ бояд кард. Аз далелу арқоми дар боло зикр гардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки масъалаи ислоҳоти Бухороро барҳам хӯрдани ҳукумати подшоҳии Россия на танҳо тезонид, балки ба мушкилиҳои зиёд ва фоҷиаҳо рӯ ба рӯ сохт.

Баъди Миллер корҳои Резиденсияи Россия дар Бухоро ба уҳдаи Введенский, ки ба қавли устод Айнӣ "... сояи Миллер ва Шулга буд" супорида шуд. Ин ҷо ба маврид ҳисобида шуд, ки якчанд сухан дар бораи худи А.Я.Миллер иброз карда шавад.

Миллер Александр Яковлевич соли 1868 дар оилаи табиб ба дунё омадааст. Фаъолияти кориашро аз соли 1893 дар Вазорати корҳои хориҷии Россия оғоз намуда, дар вазифаҳои мухталифи он фаъолият кардааст. Аз соли 1894 то соли 1899 **драгамон (тарҷумони забонҳои шарқ)** дар Агентии сиёсии Россия дар Бухоро, ноиби консул дар Сиистон (1899-1905), соли 1906 **тарҷумони** якум дар Теҳрон, консул дар Ливерпул (1907-1908) солҳои 1908-1910 консул дар Астаробод, солҳои 1910-1913 консули генералӣ дар Табрез, 1913-1915 агенти дипломатӣ дар Муғулистон, 1915-1916 консули генералӣ дар Урга, моҳи марти соли 1916 резидент дар Аморати Бухоро ва аз октябри соли 1916 дар вазифаи агенти сиёсӣ дар Аморати Бухоро фаъолият кардааст.

Гуфтан мумкин аст, ки А.Я.Миллер карйераи дипломатиашро дар Бухоро оғоз ва баъди гузашти солҳо дар ҳамон ҷо ба анҷом расонидааст. Баъди ҳабс шуданаш охирҳои апрели соли 1917 ба Россия даъват шуда, як муддат дар сафи артиши Россия (аз эҳтимол дур нест, ки ҳодисаҳои Бухоро ба карераи дипломатиаш нуқта гузошта бошад) фаъолият

карда, баъдан ба Франсия ҳиҷрат менамояд. Азбаски забони форсиро хуб медонист, якчанд вақт дар сафоратхонаи Афғонистон дар Париж тарҷумон шуда, 16 марти соли 1940 дар синни 72 солагиаш дар яке аз шаҳрчаҳои наздикии Париж вафот кардааст [7].

Миллер А.Я. донандаи хуби забони форсӣ, таъриху фарҳанги мардуми Шарқ маҳсуб меёфт ва дар байни ҷамъияти муҳоҷирони россиягии Париж бо лексияҳо баромад мекард. Ӯ якчанд мақолаҳо дар бораи таъриху фарҳанг ва дипломатияи халқҳои Осиёи Миёна таълиф намудааст.

Агар аз ҷониби дигар ба фаъолияти А.Я.Миллер назар кунему баҳо диҳем, ӯ ҳамчун як нафар мансабдоре, ки дар замони мутлақияти подшоҳӣ ба воя расида ва ба сари мансаб омада буд, то охирин лаҳзаи дар сари қудрат буданаш вазифаи худро содиқона иҷро намудааст. А.Я.Миллер барои ватанаш Россия ҳамон кореро пайгирӣ ва иҷро мекард, ки ба ӯ роҳбаронаш мефармуданд. Ӯ бешубҳа фарзанди содиқу вафодори ватанаш - Россия буд.

**_Пайнавишт:_**

1. *Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - Душанбе: Адиб, 1987. - 240 с.*
2. *Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро //Куллиёт. Ҷ.10. - Душанбе: Ирфон, 1966. - 326 с.*
3. *Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам //Акнун навбати қалам аст. Осори баргузида дар ду ҷилд. Ҷилди якум. - Душанбе: Ирфон, 1977. - С.13-98.*
4. *Бухара в 1917 году. Drevlit.ru. – Библиотека древних рукописей.-38с. Интер. Ресурс. (Санаи муроҷиат: 11.03.2021).*
5. *Ишанов А.И. Победа народной советской революции в Бухаре. – Ташкент, 1957. - 270 с.*
6. *Красный архив. 1927. Журн.Т.1.(20).*
7. *Миллер А.Я. Википедия (Санаи муроҷиат: 15.02.2021).*
8. *Хотамов Н.Б. Свержение эмирского режима в Бухаре. - Душанбе, 2018. - 331 с.*
9. *ЦГА Республика Узб. Ф.И.3. Оп. 2. Д.442. л. 33, Д.513. лл. 8, 30-31.*
10. *ЦГА Республика Узб. Ф.И.3. Оп. 2.Д.528. л.1.*

**_Reference Literature:_**

1. *Aini. S. The History of Bukhara Revolution. – Dushanbe: Man-of-Letters, 1987. – 240 pp.*
2. *Aini. S. The History of Manghyt Emirs of Bukhara // Compositions. V.10. – Dushanbe: Cognition, 1996. – 326 pp.*
3. *Aini. S. My Brief Biography // The Turn of Pen Has Come. Selected Works in two volumes. The first Volume. – Dushanbe: Cognition, 1977. – pp. 13-98.*
4. *Bukhara in 1917. Drevlit.ru. – The Library of Ancient Manuscripts. – 38 pp. Inter. Resource. (Date of appeal: 11.03.2021).*
5. *Ishanov A. I. The Victory of People's Soviet Revolution in Bukhara. – Tashkent, 1957. – 270 pp*
6. *The Red Archive. 1927. Journal. V.1 (20).*
7. *Miller A. Ya., Vikipedia... (Date of appeal: 15.02.2021).*
8. *Khotamov N. B. Overthrow of Emir's Regime in Bukhara. – Dushanbe, 2018. – 331 pp.*
9. *Central State Archive (CSA) of Uzbekistan Republic. F.3. Inv.2. Case.442. Sheet 33. Case 513, sheets 30-31.*
10. *Ibidem. F.3. Inv.2. Case 528. Sheet 1.*